*«Комсомоли Тоҷикистон»,*
№56 (5299), 7 *майи* 1971, *с.* 3.

**Як нишони шеъри олӣ**

Дар каломи бадеӣ на танҳо ҳар ҷумлаву мисраъ, иборaву калима мақсади хос доранд, балки ҳар ҳарфу овоз ҳам дорои мавқеъ ва аҳамияти махсусе мебошанд. Нависандагони ҳақиқии соҳибистеъдод ҳамеша ба тарзи истеъмоли калимаву ибораҳо, аз ҷумла, мавқеъ ва моҳияти ҳарфу овозҳо, созгории онҳо бо моҳияти мазмуни ифодашаванда эътибори ҷиддӣ медодаанд.

Ҳофиз ҳам дар ин масъала, яъне, риояи аллитератсия бетараф набудааст. Ӯ дар шеърҳои худ, ки латофату салосати онҳоро хонандагони сершумори гуногунзабон эътироф кардаанд, ҳар як ҳарфи ҳиҷоро мувофиқи мазмуну ғояи мисраву байт кор фармудааст. Масалан дар ин байт:

*Тоби бунафша медиҳад турраи мушксои ту*,
*Пардаи ғунча медарад хандаи дилкушои ту*, –

сухан аз зебоӣ ва ҳусну малоҳати маҳбуба меравад. Ин мазмуни дилчасп ба воситаи овозҳои нарму форами «а», «б», «п», «ш», «м» ва амсоли онҳо ифода карда шудааст, яъне, маънии латиф бо шакли латиф мувофиқати куллӣ мекунад.

Ҳамин ҳолат дар мисоли зерин ҳам мушоҳида карда мешавад:

*Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем*,
*Фалакро сақф бишкофему тарҳи нав дарандозем.*

Мазмуни мисраи аввал фароғату маишати зиндагиро дарбар гирифта, ба калимаҳои гӯшнавоз ифода гардидааст. Аммо мавзӯи

мисраи дуюми байт якбора тағйир меёбад ва аз мавзӯи маишӣ ба мавзӯи иҷтимоӣ табдил мегардад, зеро шоир дар он носозгории шароит ва зарурати тағйир додани онро ба миён мегузорад. Ин гуногунии мавзӯъ ба воситаи шакл, яъне, хосияти овозии калимаҳо низ таъкид карда шудааст, чунки агар ҳамаи овозҳои мисраи аввал нарму латиф бошанд, дар мисраи дуюм «сақф» барин калимаи вазнин ва нисбатан дурушт пайдо мешавад.

Инчунин, агар ба равиши истеъмоли овозҳо диққат дода шавад, ҳодисаи ҷолиби диққатеро пай бурдан мумкин аст, зеро хосияти овозии калимаҳо дар мисраъҳо торафт мураккаб мегарданд ва «г», «д», «з» барин овозҳо дар охир меоянд. Ин ҳолат аз  он гувоҳӣ медиҳад, ки якбора тағйир ёфтани мавзуъ тасодуфӣ набуда, балки заминаи мантиқӣ дорад.

Табиатан мураккаб шудани овозҳо ва ба моҳияти мазмуни байт пурра мувофиқат кардани онҳоро дар байти дуюми ҳамин ғазал боз равшан пай бурдан мумкин аст:

*Агар ғам лашкар ангезад, ки хуни ошиқон резад,*
*Ману соқӣ ба ҳам созему бунёдаш барандозем.*

Овози «з», ки дар байти матлаъ танҳо дар қофия дучор мешавад, дар байти дуйӯм зиёдтар меояд. Илова бар ин дар силсилаи овозҳо ҳарфҳои «ф», «қ» дуруштии (албатта, нисбатан) ҷиҳати шаклии байтро афзунтар намудааст. Вале бояд гуфт, ки азбаски шоири забардаст дар ин байт саҷъ ва таносуби оҳангии калом («ангезад», «резад», «созем»)-ро ба кор бурдааст, гаронии шеър аз миён меравад ва он ҳис карда намешавад.

Ба моҳияти мазмун пурра мувофиқат кардани хосият овозҳоро аз ду байти зерин низ мушоҳида намудан мумкин аст. Азбаски мазмуни байти аввал (матлаъ) тавсифи ҳусни маҳбуба мебошад,

шоир ҳам ин маънии латифро дар маҷмӯи ҳарфҳои садонок ҳамсадои беҷаранги гӯшнавоз адо намудааст:

*Эй фурӯғи моҳи ҳусн аз рӯи рахшони шумо!*
*Офтоби хубӣ аз чоҳи занахдони шумо!*

Аммо дар байти дигари ғазал вазъият дигар мешавад:

*Дур дор аз хоку хун доман, чу бар мо бигзарӣ,*
*К-андар ин раҳ гашта бисёранд қурбони шумо!*

Дар ин байт ҳарчанд мавзӯъ бетағйир мемонад, аммо моҳияти мазмун дигар мешавад, зеро ин ҷо сухан аз бепарвоию бераҳмии маҳбуба меравад. Фироқ ва бепарвоии маҳбуба бошад, қаҳрамони лирикиро, ки дар айни замон ошиқи содиқ аст, ҳаргиз шоду хуррам намекунад, балки ӯро ранҷуру ғамгин месозад. Ба тарзи дигар гӯем, мазмуни байти дуюм масарратбахш нест, яъне, он моҳиятан дурушт аст ва ҳамин моҳият бо ҳамсадоҳои ҷарангноки на он қадар форам, ба мисли «д», «р», «з», «г» ва амсоли онҳо низ таъкид ёфтааст.

Ё худ, дар ин байт шоир дарду андӯҳ, вазъи ногувор ва танҳоии худро ба тарзи латифе ифода намуда, аз ёфт нашудани ҳамдаму мӯнис дар замона фарёд кардааст ва ин мазмуни талх ба воситаи маҷмӯи ҳамсадоҳои ҷарангдор ва «о»-и сершумор хеле ба хубӣ таҷассум ёфтааст;

*Сина мoломоли дард аст, эй дареғо, марҳаме!*
*Дил зи танҳоӣ ба ҷон омад, Худоро, ҳамдаме!*

Вазъияти дигареро низ қайд накардан мумкин нест. Сухан дар бораи он меравад, ки мутобиқати овозҳо бо моҳияти мазмун на танҳо дар байтҳо, балки дар мисраъҳо ҳам мушоҳида карда

мешавад, яьне, дар ашъори Ҳофиз байтҳое ҳастанд, ки мазмуни ҳар мисрае моҳиятан аз ҳамдигар фарқ мекунад ва ин гуногунии мундариҷавӣ дар нашри ҳуруф (аллитератсия) ҳам зоҳир мегардад масалан:

*Эй насими саҳар, оромгаҳи ёр куҷост!!*
*Манзили он маҳи ошиққуши айёр куҷост!!*

Чунин пиндоштан, ки ҳар ду мисраи байти боло дар мазмун мустақил ва мухолифи ҳамдигар бошад, норавост. Ҳар ду мисраъ як маънои томро ифода менамояд. Аммо, бо вуҷуди ин, мазмуни мисраи аввал аз мисраи дуюм дар моҳият фарқ мекунад, зеро шоир дар мисраи якум қароргоҳи маҳбубаи худро меҷӯяд, вале дар мисраи дигар бошад асосан сифати ӯро баён мекунад ва ин сифат аз сурат ва сират иборат аст, яъне, маҳбуба дар сурат зебо («моҳ») ва дар сират бераҳм («ошиққуши айёр») мебошад. Ҳамин ҳақиқати мундариҷавӣ бо ҷиҳати оҳангии калимаҳо низ тасдиқ ёфтааст, зеро калимаҳои мисраи аввал аксаран аз садонокҳо ва ҳамсадоҳои форами беҷаранг таркиб ёфта бошанд, дар мисраи дуюм «з», «қ» барин овозҳои нисбатан дурушт пайдо мешаванд.

Чунин муносибати шоири бузург бесабаб нест, зеро риояти аллитератсия яке аз шартҳои муҳимми ягонагии мундариҷа ва шакл ба шумор меравад. Ягонагии шаклу мазмун бошад, яке аз масъалаҳои марказии эҷоди бадеӣ мебошад. Бинобар ин, ҳамаи адибони бузург мутобиқати оҳангии калом ва мазмуни шеърро ҳамеша риоя мекунанд.

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ,**
**номзади илмҳои филологӣ.**